# СУРАТҶАЛАСАИ №10

24 майи соли 2024 ш. Душанбе

Соати баргузорӣ: $9^{00}$

**Раисикунанда** - мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент Холинова М.М.

**Иштирок намуданд:** - 10 нафар:
н.и.ҳ., дотсентон Холинова М.М., Абдулхонов Ф., Расулов Ф.М., Солиева Н.Ш., Меликов У.А., Рупова М.Т., Раҳимов Д.Қ., ва Иброҳимзода Д.К., н.и.ҳ. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иштирок намуданд.

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Шаҳло Ҷума

**Раисикунанда:** доир ба рӯзномаи ҷаласа таклифу пешниҳод ҳаст?

**Иштирокчиён:** таклифу пешниҳод нест.

**Қарор карда шуд:**

Рӯзномаи ҷаласа тасдиқ карда шавад.

**Раисикунанда:** Доир ба рӯзномаи ҷаласа қайд намуд, ки кори диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Мирзозода Шаҳло Ҷума соли 2000 ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни дохил гардида, соли 2005 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқӯқшинос-равоншинос» хатм намудааст, айни замон ассистенти кафедраи ҳуқуқи донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2021 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ мебошад.

Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 2 воситаи таълимӣ, 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ барои баромад то 10 дақиқа дода мешавад.

**Унвонҷӯ:** Мирзозода Шаҳло Ҷума - баромад намуда, доир ба мубрамияти мавзуи интихобкарда мухтасар гузориш манзур намуд.

**Раисикунанда:** муҳтарам муқарризон ва устодони Академия ба унвонҷӯ саволҳо бошад, пешниҳод намоед.

**Муқарризон:**

- Меликов У. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Абдулхонов Ф., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Расулов Ф.М. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Солиева Н.Ш. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар баробари муқарризон дигар иштирокчиёни ҷаласа суолҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Раисикунанда:** агар дигар саволҳо ба унвонҷӯ набошад, ба музокирот мегузарем.

Унвончӯ ҳама таклифу эродҳое, ки муқарризон баён доштанд, ба Шумо фаҳмо аст? Агар фаҳмо бошад, ба Шумо бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои муқарризон ба ҳимоя тавсия карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.
2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.ҳ., дотсент Холинова М.М.

Котиби маҷлис, коргузори кафедра Бозорова С.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ